# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025. – 41 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. (Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) пешниҳод шудааст, яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи маданӣ – Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст. Дар замони муосир фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) қисми муҳимми таркибии ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ нақши асосӣ доранд. Ҳамзамон, фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) воситаи муҳимми қонеъ гардонидони манфиатҳои субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур аввалин пажуҳиши илмии мубрам ва арзишманд дар ҳуқуқи маданӣ маҳсуб ёфта, барои такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ба вуҷуд омадани падидаи ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) бо омилҳои объективӣ тавсиф карда мешавад. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд марҳилаҳои муайяни ташаккул ва рушди худро паси сар намудааст, ки бо омилҳо ва шароитҳои муайян вобастагӣ доранд. Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомада, заминаҳои дахлдорро доро мебошанд. Яке аз ҳуқуқу озодиҳои муҳимми инсон ва шаҳрванд ҳуқуқ ба иттиҳодия мебошад, ки барои рушду камолоти он нақши хоссаро иҷро мекунад, ин ҳуқуқу озодиҳои маданӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Ҳуқуқу озодиҳои мазкур барои амалисозӣ ва қонеъгардонии талаботи моддӣ ва иқтисодии инсон, ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон ва шаҳрванд муҳим буда, дар шароити муосир аз ҷониби давлат кафолат дода мешаванд.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад. Таҳлили автореферати диссертатсия нишон дод, ки он бо риояи ҳама талаботи мавҷуда, аз нуқтаи назари илмӣ дуруст ва бо истифода аз усулҳои дахлдори илмӣ навишта шуда, пайдарпайии мантиқии андешаҳо ва навгониҳо мавҷуд буда, вобаста ба мазмуни он ягон эроди ҷиддӣ ҷой надорад. Умуман, масъалаҳое, ки муаллиф дар автореферат баррасӣ

намудааст, кобили қабул буда, барои рушди минбаъдаи институти мазкур заминаи мусоиди илмӣ ва ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз усулҳои гуногуни илмӣ ба таври муассир истифода бурда, ба хулосаҳои дақиқу боэътимод омадааст, ки ба раванди такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Аз ҷумла, муаллиф иброз менамояд, ки «яке аз масъалаҳои ҳуқуқии ҳалталаб муайян намудани меъёрҳои узвият дар ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мебошад. Дар қонунгузории маданӣ ба саволи он ки оё ба чунин иттиҳодияҳо метавонанд танҳо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ё тиҷоратӣ дохил шаванд ё ба ҳайати омехта ё иштироки соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ иҷозат дода мешавад, ҷавоби аниқ дода нашудааст» (саҳ. 4.).

Зимни баррасии мазмун ва мухтавои автореферати мазкур метавон қайд намуд, ки таҳқиқоти мазкур дар самти танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пешгузошташударо таҳлили ҳамаҷониба намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки «баҳри амалӣ намудани ҳуқуқ ба иттиҳодшавӣ дар Тоҷикистон қонунгузории зарурӣ, аллакай амал намуда истодааст, ки тибқи он шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ метавонанд иттиҳодҳоро таъсис диҳанд ва дар иттиҳодҳои аллакай мавҷудбуда иштирок кунанд» (саҳ. 14.).

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар пешниҳоди амалии сеюм, муаллиф баён менамояд, ки ба м. 129 КМ ҶТ илова намудани қисми алоҳида мувофиқи мақсад мебошад: «Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо (иттифок)) ҳуқуқ дорад ба фаъолияти соҳибкорӣ, тибқи ҳадафҳое, ки он таъсис дода шудааст, машғул шавад. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ, ассотсиатсия (иттифоқ) ҳуқуқ дорад, ҷамъияти хоҷагӣ таъсис диҳад ё дар он иштирок намояд» (саҳ. 38.). Ба андешаи мо, шахсони ҳуқуқӣ ҳамеша метавонанд барои ноил гардидан ба ҳадафҳои оинномавиашон бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо дар сатҳи дахлдор равшан созад.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрӯзаи хуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими хуқукии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Н.Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ,
ҷ/д Чоряккорон, д. Меҳробод, хонаи 90
E-mail: nekruz-0101@mail.ru
Тел.: (+992) 918559828

Имзои Сафарзода Н.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Насурдинзода А.Н.

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; **Тел.:** 224-17-86, 224-83-93 (факс); **E-mail:** info@apa.tj
«28» ___02___ соли 2026